**Тақриз**
**ба фишурдаи диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» ба омӯзишу пажуҳиши хусусиятҳои этнолингвистии лексикаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар доираи гӯишҳои мардумони водии Ҳисор бахшида шудааст. Этнолинвистика шохаи нави илми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, омӯзиши калимаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он дар айни замон яке аз масъалаҳои муҳимму мубрам арзёбӣ мегардад. Гарчанде ба омӯзиши мавзуи мазкур муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ даст зада бошанд ҳам, аммо омӯзиши баъзе ҷанбаҳои он аз мадди назари муҳаққиқон дур мондааст.

Дар **муқаддима** муҳиммияти мавзуъ баён шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ муайян гардидааст, инчунин, мақсаду вазифаҳо ва навоварии таҳқиқот, арзиши назариявию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ нишон дода шуда, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, мушаххас гардидааст.

Боби аввали рисола «**Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика**» унвон дошта, аз шаш зерфасл иборат аст.

Дар ин боб муҳаққиқ ҷойгоҳи этнолингвистикаро дар забоншиносии муосир муайян намуда, инчунин робитаи забонро бо фарҳанг нишон дода тавонистааст. Аз сабаби он ки дар водии Ҳисор бо рушди ҳунарманди региолектҳо низ зуҳур намудаанд ва ба ғайр намояндагони лаҳҷаву шеваҳо намояндагони гурӯҳҳои этникии зиёде умр ба сар мебаранд, муҳаққиқ таъсири региолектҳоро ба онҳо нишон дода тавонистааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор**» номгузорӣ шуда, аз нуҳ фасл иборат мебошад.

Дар ин фасл унвонҷӯй омилҳои асосии рушди ҳунармандиро дар водии Ҳисор нишон дода, инчунин оид ба номвожаҳои ҷуғрофие, ки дар иртибот бо ҳунармандӣ ба зуҳур омадаанд, оварда тавонистааст.

Дар боби сеюм, ки "**Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор**" номгузорӣ шудааст, инчунин боварҳо, ибораҳои халқӣ, мақолу зарбулмасалҳоеро, ки дар иртибот бо соҳаҳои зироаткорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ ва занбӯрпарварӣ дар гӯйишҳои ин мардумон вуҷуд доранд, нишон додааст.

Боби чорум "**Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор" номгузорӣ карда шуда**, дар он диссертант диққати хешро бештар ба баррасии калимаҳои таърихӣ ва архаизмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ равона кардааст. Дар ин боб этимологияи иддае аз калимаҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маиширо бо истифодаи фарҳангҳои этимологӣ муайян кардааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 28 банд дар хулосаи кор ҷамъбаст карда шудаанд. Муҳтавои диссертатсия дар 33 мақола, аз ҷумла, 25 мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва ба нашр расонидааст, инъикос ёфтааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки зикри онҳоро ба манфиати кор мешуморем:

1.Хуб мешуд агар диссертант дар боби аввал, ки боби назариявӣ маҳсуб меёбад, аз овардани мисолҳо худдорӣ менамуд.

2. Дар автореферати кор дар саҳифаҳои 3, 9, 16, 20, 28, 40, 41 ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

Ғалатҳои мавҷудбуда сифати корро коста нагардонида, ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва барои дифоъ тавсия дода мешавад.

Доктори илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забони муосири руси
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Султанова Р.М.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
тел. : (+992) 806 66 66 68
e-mail: rafoat10@mail.ru

Имзои Султанова Рафоҳат Мирзоевнаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
тел. : (+992 37) 221 35 50
e-mail: rtsu-1996@mail.ru

19 апрели 2024 с.